**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____________Шарифзода М.М.
«30» _____01_______соли 2023

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Давлатова Розиямо Қамбаровна дар мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод карда шудааст**

1. **Мубрамӣ ва зарурияти баргузории таҳқиқот**

Тағйир додани раванди рушди рақобатпазирӣ ҳамчун системаҳои мураккаб, субъектҳои хоҷагидорӣ, инчунин объектҳои (молҳо ё хизматрасониҳо) аз ҷониби онҳо эҷодшуда дар шароити рушди динамикии омилҳои бозор дар муҳити беруна хеле муҳим аст. Омӯзиши ин мушкилот бо назардошти хусусиятҳои модели иқтисодии Тоҷикистон, бо як қатор сабабҳо вобаста аст, ки яке аз онҳо бӯҳрони корхонаҳои саноатӣ мебошад, ки бо коҳиши истеҳсоли онҳо, аз даст додани мавқеи рақобатпазири корхонаҳои ватанӣ, мавҷуд набудани механизми аз ҷиҳати стратегӣ асосноки идоракунии самараноки рақобатпазирии молҳои истеҳсолшуда тавсиф мешавад.

Баланд бардоштани рақобатпазирии ҳама гуна объект раванди таҳаввулотӣ буда, бинобар имконнопазирии қабули қарорҳои самараноки идоракунӣ танҳо дар асоси таҷрибаи қаблӣ ё экстраполясияи он, эҷоди моделҳо ва механизмҳои мушаххаси сафарбаркунии нерӯи илмӣ, техникӣ, истеҳсолӣ ва технологӣ мебошад.

Аз ин ҷост, ки зарурати пурзӯр намудани тадқиқот дар самти ташаккули механизми раванди устувори баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии ҳам худи корхонаҳои ватанӣ ва ҳам маҳсулоти онҳо ба миён меояд.

## 2. Мутобиқати мӯҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва соҳаи илми эълоншуда

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ба итмом расонида шуда, ба шиносномаи ихтисоси «08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика» мувофиқат менамояд.

## 3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия

Навгонии илмии диссертатсияи тақризшаванда дар маҷмуи пешниҳодҳои ба ҳам алоқаманди инкишофи назария ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ ифода ёфта, натиҷаҳои назаррас, ки моҳияти навоварии илмии таҳқиқотро ташкил мекунанд, аз чунинҳо иборат аст:

- дар асоси банизомдарорӣ ва таҳқиқи назарияи классикӣ, неоклассикӣ ва муосир назарияи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ инкишоф ва такмил дода шуда, таркибдиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулот ошкор гардида, заминаҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхона асоснок карда шуданд;

- методология ва принсипҳои такмилёфтаи идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхона пешниҳод карда шудаанд, ки гурӯҳбандии намудҳои идоракунӣ ва пешниҳоди принсипҳои нави

ташкили идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук дар бар мегиранд;

- омилҳо ва нишондиҳандаҳои ба сатҳи рақобатпазирии маҳсулот таъсиррасон мушаххас карда шуда, нақши марказӣ доштани омили инсонӣ ва дигар омилҳои калидии таъмини рақобатпазирӣ гуруҳбандӣ ва маънидод шудаанд;

- омилҳои таъмини иқтидори рақобатӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук таҳлилу баҳогузорӣ шуда, муҳимтарини онҳо ошкор гардиданд, ки фарогири чорабиниҳои вобаста ба ҳифзи истеҳсолоти ватанӣ аз таъсири омилҳои манфӣ, зиёд намудани афзалиятҳои рақобатии маҳсулот, омӯзиши рафтори истеъмолкунандагони мушаххас, фоиданокию нархи маҳсулот, хусусиятҳои инноватсионӣ доштани маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ, танзими давлатии соҳа, тамоюли мусбии омилҳои иқтисодӣ, технологӣ ва неруи устувори кадрӣ мебошад;

- имкониятҳои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ муайян карда шуда, дар ин замина тавсия шудааст, ки ба баландбардории сифати маҳсулот, сабукиҳои андозӣ, истифодаи васеи инноватсия, диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассуснокии захираҳои меҳнатии соҳа, афзоиши ҳосилнокии меҳнат, рушди инфрасохтори иқтисодӣ, ҷорӣ намудани истеҳсолоти сарфакорона дар корхонаҳои соҳа, истифодаи васеи маркетинги рақамӣ, ба роҳ мондани фаъолияти субъектҳои саноати сабук дар намуди корхонаҳои хурду миёна ва амалкарди низоми мукаммали идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад;

- самтҳои афзалиятноки тақвияти фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати сабук муайян карда шуда, ҷиҳати истифодаи васеи роҳу усулҳои инноватсионӣ дар ҳама самтҳои фаъолияти онҳо, ки барои зиёд намудани афзалиятҳои рақобатӣ ва таъмини

рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук мусоидат менамояд, тавсияҳо пешниҳод карда шуданд.

### 4. Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Барои васеъ гардидани донишҳои назариявии соҳа ва такмили механизми баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук мусоидат менамоянд. Аҳаммияти амалии дар он дида мешавад, ки ҷиҳатҳои назариявӣ ва хулосаю пешниҳодҳои амалии он имконият медиҳанд, то рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук таъмин карда шавад. Натиҷаҳои илмии аз диссертатсия бадастовардашуда дар таҳқиқотҳои оянда, ки ба самти баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук нигаронида шудаанд, истифода карда мешаванд. Нуктаҳои илман асоснокардашуда ва хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия метавонанд барои коркарди заминаҳои методологӣ ва ҷиҳатҳои амалии барномаҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддати Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук истифода шаванд.

### 5. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот

Муаллиф аз таҳқиқоти илмӣ ва нуқтаҳои назари олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ моҳирона истифода карда, маълумоти марказҳои илмию таҳқиқотӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалиро доир ба мавзӯи таҳқиқшаванда ҳамчун заминаи назариявӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф эъҷодкорона принсипҳои низомманд, методҳои умумииқтисодӣ, ба монанди: муқоисакунӣ, синтез, таҳлили омории иқтисодӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия, усули иқтисодӣ-математикӣ,

хулосаҳои худро дар намуди назария пешниҳод намудааст. Инчунин, истифодаи принсипу методологияи зикршуда, ба муаллиф - имконият доданд, ки тавсияҳои амалӣ оид ба такмили идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ коркард карда шаванд.

Дар арзёбӣ ва муайян намудани муаммоҳои идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ маводи расмии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашрияҳои матбуоти даврӣ, монографияҳо, маводи конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ роҷеъ ба масъалаҳои рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук, захираҳои иттилоотии Интернет, матолиби конфронсҳои илмӣ ва илмию амалии байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва коркарду ҳисобҳои худи муаллиф истифода шудаанд.

Аз рӯи таҳқиқ маълум мегардад, ки муаллиф доир ба мавзӯи таҳқиқшаванда сарчашмаҳои илмиро самаранок истифода бурда, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил намудааст. Моҳияти автореферат ва асарҳои ба нашр расонидашудаи муаллиф ба мазмуни диссертатсия мутобиқ мебошад.

## 6. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он

Диссертатсияи тақризшаванда дар худ таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ, гузориши мақсад ва вазифаҳои муайянро ифода менамояд. Сохтори диссертатсия мутобиқи мақсад, предмет ва объект мантиқан дуруст мебошад. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки фарогирии 141 номгӯй мебошад, иборат аст. Дар кори диссертатсионӣ 17 ҷадвал, 18 расм мавҷуд буда, дар ҳаҷми 190 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод гардидааст.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекту мавзуъ (предмет), фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст.

Дар боби якуми кори диссертатсионӣ **«Асосҳои назариявию методологии идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ»** назария ва равишҳои таҳқиқи рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ, методологияи идоракуни рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук, ҳамчунин омилҳо ва нишондиҳандаҳои рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук таҳқиқ карда шудааст.

Дар ҳақиқат, мақсади идоракунии рақобатпазирии маҳсулот ин таъмини фаъолияти устувори корхонаҳо дар шароити тағйироти муносибатҳои муайян мебошад. Мушкилоти таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ, новобаста аз модели хоҷагидорӣ, яке аз масъалаҳои ҳалталаб ба ҳисоб меравад, ки дар ин ҷараён нишондиҳандаи сифат нақши калидӣ дорад. Хусусан дар шароити мусоир давлат дар рушди рақобатпазирии истеҳсолот нақши муайянкунандаро мебозад, зеро як қатор вазифаҳое вуҷуд доранд, ки бозор дар танҳоӣ наметавонад онҳоро иҷро намояд. Масалан дар шароити мавҷуд набудани афзалиятҳои рақобатнокӣ давлат бо роҳи ҳамоҳангсозии соҳаҳо дар якҷоягӣ бо механизми бозорӣ муҳити рақобатиро ба вуҷуд меорад (саҳ. 16 дисеер).

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки идоракунии рақобатпазирии маҳсулот яке аз масъалаҳои бунёдии таъмини рушди устувори

корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҳисоби бахсталаб будани масъалаи мазкур нуқтаи назари ягона оид ба мафҳум ва моҳияти он вуҷуд надорад, ки ин ҳолат то андозае афзалиятнокии таҳқиқи масъалаи идоракунии рақобатпазирии маҳсулотро пеш меорад (саҳ. 32 дисеер).

Лозим ба таъкид аст, ки, дар шароити кунунӣ сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук аз омилҳои идоракунӣ, аз ҷумла стратегияи идоракунии рақобатпазирии маҳсулот, рақобатпазирии низоми менеҷмент, идоракунии сифати маҳсулот вобастагии зиёд дорад. Ба ақидаи муаллиф, омилҳои рақобатпазирии маҳсулот гуногун мебошанд ва ба сатҳи рақобатпазирӣ таъсири мусбат ва манфӣ мерасонанд. Аз ин рӯ, корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки механизми идоракуниро пурзӯр намуда, барои баландбардории сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти худ мусоидат намоянд (саҳ. 49 дисеер).

Дар боби дуюми кори диссертатсионӣ – «**Таҳлили ҳолати муосир ва низоми идоракунии рақобапатзирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон**», вазъи муосир ва иқтидори рушди корхонаҳои саноати сабук, сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук, ҳамчунин омилҳои дохилӣ ва берунии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук таҳлил ва баҳогузорӣ шудаанд.

Ба гуфтаи муаллиф, соҳаи саноат, хусусан саноати сабук яке аз соҳаҳои асосии таъминкунандаи шуғли аҳолӣ ва қонеъкунандаи талаботи ҷомеа ба маҳсулоти ниёзи аввалия мебошад. Аммо новобаста аз натиҷаҳои мусбат таҳлили рақамҳои оморӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки соҳаи саноат то ҳадди зарурӣ барои қонеъ намудани нишондиҳандаҳои зикршуда иқтидори пурраи худро истифода намекунад, ки бо чунин ақидаи муаллиф рози ҳастем (саҳ. 63 дисеер).

Муаллиф дар саҳифаи 67-68-и диссертатсия дуруст қайд мекунад, яке аз нишондиҳандаҳое, ки вазъи ҷории корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ ва пардохтпазирии маҳсулоти онҳоро нишон медиҳад, ҳиссаи молу маҳсулоти

корхонаҳои саноати сабук дар сохтори молии гардиши моли чакана мебошад. Нишондиҳандаи мазкур зарурат ва талаботи истеъмолкунандагони ниҳоиро ба маҳсулоти корхонаҳои болозикр нишон дода, муайян менамояд, ки дар сохтори молии гардиши моли чакана ҳиссаи маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук чӣ қадар аст

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ таъмин кардани рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ имкон дорад, агар субъектҳои мазкур вазифаҳои зеринро иҷро карда тавонанд: а) тасдиқи мустақилиятии истеъмолкунандагон; б) мутобиқшавии доимии истеҳсоли маҳсулот вобаста ба тағйири шароити бозор; в) ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон; г) таъмини озодии иқтисодии молистеҳсолкунандгон; ғ) худтанзимкунии молистеҳсолкунандагон; д) тафриқабандии истеҳсолкунандагон; е) тақсимоти захираҳо байни истеҳсолкунандагон. Вобаста ба ин, чунин мешуморад, ки татбиқи саривақтӣ ва объективии вазифаҳои рақобат дар иқтисодиёт боиси ба вуҷуд омадани муҳити рақобатӣ мегардад (саҳ. 107 дисеер).

Дар боби сеюми кори диссертатсионӣ – **«Самтҳои асосии такмили низоми идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар таъмини рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук, захира ва имкониятҳои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук ва истифодаи усулҳои инноватсионии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук аз нигоҳи илмӣ асоснок ва пешниҳод карда шуданд.

Муаллиф дар диссертатсия таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи саноатӣ дар самти идоракунӣ ва таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук таҳқиқ намуда, дар ин замина ҷиҳати ташаккули модели самараноки идоракунии рақобатпазирии маҳсулот ва корхонаҳои саноатӣ пешниҳодоти мушаххас намудааст (саҳ. 121 дисеер).

Муаллиф масъалаи истифодаи усулҳои инноватсионии таъмини рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноати сабукро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, дуруст қайд менамояд, ки ҳалли мушкилоти мазкур дар асоси модернизатсияи бо технологияҳои навин асосёфта имконпазир мебошад (саҳ. 156 диссер).

**Хулоса ва пешниҳод** фарогири ҷамъбаст ва натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда буда, дар он хулоса ва пешниҳодҳои судманд ба таври мушаххас асоснок карда шудаанд, ки барои баландбардории рақобатпазирии маҳсулоти саноати сабук мусоидаткунанда мебошанд.

## 7. Эроду тавсияҳо доир ба диссертатсия

Ба андешаи мо, дар диссертатсияи таҳқиқшаванда дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, ҳамзамон мавҷудияти баъзе камбудиҳои алоҳида ва ақидаҳои баҳсталаб ба мушоҳида мерасанд:

1. Дар зербоби 1.1. муаллиф андешаҳои гуногуни олимони ватаниву хориҷӣ оид ба муайян намудани истилоҳи "рақобатпазирии маҳсулот"-ро пешниҳод менамоянд. Дар ин маврид, хуб мешуд, агар нуқтаи назари муаллиф оид ба мафҳуми дар боло зикргардида ворид карда мешуд (саҳ. 20-21);

2. Дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ аҳамияти ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда баланд мегардад. Хуб мешуд, агар дар рисолаи диссертатсионӣ масоилҳои қонуниятҳои ҷойгиркунии корхонаҳои саноати сабук мавриди омӯзиш қарор дода мешуд;

3. Ҷадвалҳое, ки дар рисолаи диссертатсионӣ оварда шудааст хусусияти иттилоотӣ дорад, мебоист онҳо хусусияти таҳлилӣ-ҳисобӣ дошта бошанд (саҳ. 60-73);

4. Дар рисолаи диссертатсионӣ баъзе иштибоҳҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешавад.

## 8. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ

Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 9 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар 9 маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидааст. Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф мӯҳтавои таҳқиқот, хулосаву пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро инъикос менамоянд.

## 9. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссергатсия

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

## 10. Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида

Кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзуи «Идоракунии рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи рисолаи номзадӣ, ба бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаҳои мубрами илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Давлатова Розиямо Қамбаровна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи ДДҲБСТ баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст.

Дар маҷлис оид ба муҳокимаи масъалаи мазкур 16 нафар омӯзгорон иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид»- нест, «бетараф» - нест (протоколи №7 аз 27.01.2023 тасдиқ гардидааст).

**Раиси ҷаласа,**
**н.и.и., дотсент, мудири**
**кафедраи иқтисодиёти**
**корхонаҳо ва минтақаи**
**ДДҲБСТ** **Қаюмов Ф.Ғ.**

**Ташхисгар:**
**н.и.и., дотсент** **Каримов Р.А,**

**Котиби ҷаласа,**
**н.и.и., дотсенти кафедраи**
**иқтисодиёти корхонаҳо**
**ва минтақаи ДДҲБСТ** **Исоқов М.Т.**

Имзои н.и.и., дотсентон: Қаюмов Ф.Ғ., Каримов Р.А. ва Исоқов М.Т.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон ____________Мирпоччоев И.Ҳ

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
маҳаллаи 17, хонаи 1.ДДҲБСТ, тел: +992 (3422) 2 38 11